**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ). Душанбе, 2025**

**Муҳиммияти мавзӯъ таҳқиқот** чунин арзёбӣ мегардад, ки дар шароити рушди бесобиқаи илму техника ва технология дар доираи илми забоншиносӣ омӯзиши калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот аз дидгоҳи забонию фарҳангӣ ва мантиқӣ барои боз ҳам равшантару мушаххастар дарк намудани хусусиятҳои милливу фарҳангии намояндагони халқиятҳои гуногун муҳим мебошад.

Бояд зикр намуд, ки диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст, фарогири масъалаҳои муҳим ва камомӯхташуда дар илми забоншиносӣ маҳсуб ёфта, дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

Чуноне ки маълум гардид, диссертант зимни омӯзишу ҷустуҷӯ ва мутолиа дар давоми якчанд сол ба пажуҳиши ин мавзуъ машғул шуда, дар ин замина 12 мақолаи илмӣ, аз ин миқдор 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

**Мақсади асосии таҳқиқотро** омӯзиши системавӣ, комплексӣ, муқоисавӣ, сохторӣ, луғавӣ–семантикӣ ва морфологии калимаҳое, ки «тааҷҷуб/surprise»-ро ҳамчун як намуди эҳсосот дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ ифода мекунад, ташкил медиҳад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқи мавриди назар барои мураттаб сохтани роҳнамоҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ доир ба фанни «Забоншиносӣ», барои тартиб додани луғатномаҳо, ҳамчунин барои тарҷумаи назариявӣ ва амалӣ барои курсҳои лексионӣ оид ба забоншиносии забонҳои муқоисашаванда, барои типологияи забонҳои тоҷикӣ, англисӣ, русӣ ва дигар забонҳо мусоидат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки мавзуи мазкур аз ҷониби диссертант бори нахуст дар илми забоншиносии муосир мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифта, дар ин замина вожагони ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ муайян карда шудааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, 3 боб, 12 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, мантиқан ва илман асоснок гардидаанд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) мазмуну мунтариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи **«Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ба талаботи бандҳои 54, 84-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267

тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

номзади илмҳои филологӣ,

омӯзгори калони кафедраи

филологияи тоҷик ва

забонҳои хориҷии "ДДФСТ

ба номи Мирзо Турсунзода. Раҳмонова Дилрабо Искандаровна

Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ш. Душанбе, н.Фирдавсӣ,

кӯчаи Нарзибеков 22

dilraborahmonova@gmail.com

тел: (+992) 982-22-02-44

Имзои Раҳмонова Д.И.-ро тасдик мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси

МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода. Ҳамидова З.Ҳ.

суроға: 734032, Ҷумхурии Точикистон,
ш.Душанбе, Борбад 73А
E-mail:tajartins@yandex/com
Веб-сайт:www/ddst.tj
тел: 231 18 27 02.09.2025